ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 342 (575.3)
ТКБ: 67. 9 (2) (2 тоҷик)
С – 21

САЙНОЗИМЗОДА ФИРӮЗ САЙНОЗИМ

ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Душанбе – 2022

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст

Роҳбари илмӣ: **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа

Муқарризони расмӣ: **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Мансурзода Амиршоҳ Мансур – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «22» ноябри соли 2022, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____ соли 2022 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Назаров А.Қ.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии кишвар мавқеи махсус ва ҳалкунанда дорад, зеро мутобиқи моддаи 64 Конститутсияи ҶТ «Президенти ҶТ дар як вақт Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад»[1]. Бинобар ин, самтҳои фаъолияти Президенти ҶТ васеъ буда, тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мамлакатро фаро мегирад.

Дар Конститутсияи ҶТ шакли идораи давлат ҷумҳурии президентӣ муқаррар гардида, дар боби чаҳоруми он вазъи ҳуқуқии Президенти ҶТ муайян карда шудааст. Ин санади меъёрии ҳуқуқии мамлакат танҳо ба Президенти ҶТ ҳуқуқи бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ баромад карданро муқаррар намудааст.

Падидаи Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии ҶТ дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 1999 ва ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ дар раъйпурсии умумихалқӣ аз 26-уми сентябри соли 1999, алалхусус, ба моддаҳои 55 ва 69 ба вуҷуд омадааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ дар асоси қисми сеюми моддаи 55 Конститутсияи ҶТ нахустин маротиба 27-уми апрели соли 2000 бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат баромад карда, роҷеъ ба вазъи ҳаёти сиёсии ҷомеа, масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, илму маориф, фарҳанг, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, сиё-

[1] Конститутсияи ҶТ 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 40.

сати хориҷӣ ва дар маҷмуъ, ҳадафҳои стратегӣ ва пешомади чанд соли наздики кишвар назари худро изҳор намуданд.

Паёми Президенти ҶТ ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ва санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ имрӯз мақому манзалат ва эътибори бештарро касб намудааст. Зеро дар заминаи ҳар як Паёми Президенти ҶТ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд ва қабул карда мешаванд, инчунин, дигар масъалаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат ҳаллу фасл мегарданд, ки барои беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолии кишвар, таъмини адолати иҷтимоӣ, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат, муқовимат ба терроризму экстремизм, коррупсия ва дигар ҷиноятҳо, инкишофи қонунгузорӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии мамлакат, рушди илму маориф ва амсоли инҳо мусоидат менамояд.

Илова бар ин, дар асос ва барои иҷрои талаботи паёмҳои Президенти ҶТ дурнамоҳо ва стратегияву барномаҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ба тасвиб расидаанд ва дар оянда ҳам тасвиб мешаванд, ки онҳо дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми басо муҳим мегузоранд. Чунончи, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид менамоянд: «... раванди татбиқи сиёсати дохиливу хориҷии давлат маъмулан дар доираи як сол маҳдуд карда намешавад, зеро ҳадафу вазифаҳои дар асоси Паёми Президент муайяншуда моҳиятан барнома ва дурнамо барои даҳсолаҳо мебошанд»[2].

Омӯзиш ва баррасии паёмҳои Президенти ҶТ имконият медиҳанд, ки ба масъалаҳои мухталифи дар онҳо матраҳшаванда аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ равшанӣ андохта шаванд. Дар воқеъ, таҳлили паёмҳои Президенти ҶТ ва ҷанбаҳои ҳуқуқии онҳо аз назари илми ҳуқуқшиносӣ дар шароити кунунӣ мубрам буда, интихоби мавзуи мавриди назарро аз ҷиҳати назариявӣ-амалӣ ногузир гардонидааст.

Ҳамзамон, таҳқиқу пажуҳиши табиати ҳуқуқии паёмҳои Президенти ҶТ ва муайян намудани ҷойгоҳу нақши онҳо дар низоми ҳуқуқии мамлакат ва рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти кишвар ҳамчун асос барои таълифи рисолаи номзадӣ гардидааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Рочеъ ба паҳлуҳои мухталифи падидаи Паёми Президент ба парламент амиқан ва ё ба таври сатҳӣ як қатор таҳқиқоти олимони Федератсияи Россия (минбаъд – ФР)

[2] Паёми Президенти ҶТ Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, 30 апрели соли 2004. – Душанбе, 2004. – С. 2.

ва дигар давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) ба мисли Р.Г. Акчурин[3], М.В. Баглай[4], И.Н. Бартситс[5], Э.Г. Кочетов[6], В.Э. Козатская[7], М.Б. Разгилдиева[8], Г.З. Санакоев[9], О.Т. Сериков[10] Г.С. Сапаргалиев[11], А.Г. Тиковенко[12], М.А. Краснов[13], О.П. Потапова[14], А. Мазуренко[15], И.А. Побережная[16] ва дигарон сурат гирифтааст.

---

[3] Ниг.: Акчурин Р.Г. Послание Президента в духе категории «источники права» // Правовое государства: теория и практика. – Уфа, 2010. – № 4 (22). – С. 37-41.

[4] Ниг.: Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации: учебник для вузов. – 5-е изд., изм. и доп. – М.: Норма, 2006. – 769 с.

[5] Ниг.: Барциц И.Н. Конституционно-правовое обеспечение реформы государственного управления // Конституционное и муниципальное право. – М.: Юрист, 2007. – № 24. – С. 2-10.

[6] Ниг.: Кочетов Э.Г. Послание Президента как атрибут государственной власти // Независимая газета. – М., 1997. – 13 февраля.

[7] Ниг.: Козацкая В.Э., Толченкин Д.А. Послания Президента РФ Федеральному Собранию РФ как источник права в материальном и идеальном смысле // Правовая политика и правовая жизнь. М., Саратов: Сарат. Филиал ИГИПРАН. – 2015. – № 3. – С. 15-18.

[8] Ниг.: Разгильдиева М.Б. Финансово-правовые аспекты ежегодных и бюджетных посланий Президента Российской Федерации // Современное право. – 2010. – № 9. – С. 54-56.

[9] Ниг.: Санакоев Г.З. Послания Президента Российской Федерации как источник конституционного права // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. – 2017. – № 4. – С. 144-146.

[10] Ниг.: Сериков О.Т. Роль Конституции Республики Казахстан и Ежегодных Посланий главы государства народу страны в правовом регулировании экологических отношений // Вестник АГТУ. – 2010. № 1 (49). – С. 117-119.

[11] Ниг.: Сапаргалиев Г.С. Конституционное право Республики Казахстан: Академический курс. – Алматы, 2005. – 542 с.

[12] Ниг.: Тиковенко А.Г. Нетипичные источники права в правовой системе Беларуси // Национальная государственность и европейские интеграционные процессы: сборник научных трудов: в 2 т. / Белорусский государственный университет, Юридический факультет. – Минск, 2008. – Т.1: Национальное законодательство и его гармонизация с правом Европейского Союза. – С. 44-48.

[13] Ниг.: Краснов М.А. Закон силен, когда сильна власть // Российская газета. – 1997. – 18 март.

[14] Ниг.: Потапова О.Б. Правовая политика Президента Российской Федерации: проблемы теории и практики: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2009. – 200 с.

[15] Ниг.: Мазуренко А. Правотворческая политика и правотворчество. – Германия, 2011. – 392 с.

Масъалаи ҷанбаҳои ҳуқуқии Паёми Президент ба парламент дар чанд рисолаҳои илмии муҳаққиқони рус низ ифодаи худро ёфтааст. Чунончи, В.И. Радченко паёмҳои Президенти ФР-ро ҳамчун барномаи ҳамкории ҳамаи шохаҳои ҳокимият, таҳкими сохти конститутсионӣ ва ташаббусҳои қонунгузории Президент дар самти таҳкими волоияти қонун муайян кардааст[17]. В.Н. Суворов паёмҳои солонаи Президенти ФР-ро чун шакли конститутсионии таъсири Президент ба самт ва мундариҷаи фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Федералӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ мешуморад[18]. А.М. Голошапов паёмҳои Президентро ҳамчун воситаи амалӣ намудани стратегияи давлатии ҳуқуқии ФР аз ҷониби Президенти ФР мешуморад. Ӯ хусусияти ҳатмии паёмҳоро барои ҳокимияти иҷроия ва хусусияти тавсиявӣ доштани онҳоро барои ҳокимияти қонунгузор ва судӣ қайд мекунад[19]. Инчунин, ба таври васеъ ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти ФР ба Маҷлиси Федералӣ дар рисолаи номзадии олими рус В.Е. Зоркин[20] таҳлил гардидааст. Ӯ нақши паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Федералии ФР-ро дар ташаккул ва амалинамоии сиёсати ҳуқуқии Президенти ФР муҳим меҳисобад.

Доир ба масъалаи табиати ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти комплексӣ анҷом дода нашудааст. Гузашта аз ин, таҳқиқи масъалаи мазкур дар илмҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва курси махсуси ҳуқуқи парлумонии ватанӣ ба назар намерасад. Танҳо дар мақолаву рисолаҳои илмии бархе муҳаққиқон роҷеъ ба мавзуи баррасишаванда ишораҳо мавҷуд аст.

---

[16]Ниг.: Побережная И.А. Послание Президента РФ и его место в системе права России // Конституция и доктрины России современным взглядом: Материалы Всероссийской научной конференции (Москва, 17 марта 2009 г.). – М.: Научный эксперт, 2009. – С. 274-280.

[17]Ниг.: Радченко В.И. Президент Российской Федерации в системе разделения властей: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 1995. – 19 с.

[18]Ниг.: Суворов В.Н. Конституционный статус Президента Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2000. – 500 с.

[19]Ниг.: Голощапов А.М. Конституционные основы становления государственно-правовой стратегии: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – 27 с.

[20]Ниг.: Зорькин В.Е. Ежегодные послания Федеральному Собранию Российской Федерации как средство формирования и реализации правовой политики Президента Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2011. – 229 с.

Ҷанбаҳои алоҳидаи Паёми Президенти ҶТ аз ҷониби олимони ватанӣ Ф.Т. Тоҳиров[21], М.А. Маҳмудзода[22], Э.С. Насриддинзода[23], Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев)[24], С.С. Ятимов[25], А.М. Диноршоҳ[26], Д.С. Раҳмон[27], А.И. Имомов[28], Р.Ҳ. Раҳимзода[29], Б.Ҳ. Раззоқов[30], Б.С. Гадоев[31], Ҷ. Саъдизода[32], К.Т.

---

[21]Ниг.: Тохиров Ф.Т. Политико-правовое значение Послания Президента. Народная газета. – 2005. – 20 июля. – № 29 (19479).

[22]Ниг.: Маҳмудзода М.А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ (маҷмуи мақолаю маърузаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 596 с.; Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 192 с.

[23]Ниг.: Насриддинзода Э.С. Нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди ХХХШ. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 6-20; Насриддинзода Э.С., Сайнозимзода Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 6-19; Насриддинзода Э.С., Сайнозимзода Ф.С. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар паёмҳои Президенти ҶТ // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2021. – № 3 (43). – С. 5-12; Насриддинзода Э.С. Инъикос ва баррасии масъалаҳои маориф ва илм дар паёмҳои Пешвои миллат // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – №2 (42). – С. 62-68.

[24]Ниг.: Сотиволдиев Р., Маҳмудзода М. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 192 с.

[25]Ниг.: Ятимов С.С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат // Ҷумҳурият. – 2019. – 29 январ. – № 21-22 (23 624-625).

[26]Ниг.: Диноршоев А.М. Правовая природа Послания Президента Республики Таджикистан // Государствоведение и права человека. – Душанбе, 2016. – № 1 (01). – С. 55-60.

[27]Ниг.: Раҳмон Д.С., Шерзода Б.С. Нақши Паёми Президенти ҶТ дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 20-33.

[28]Ниг.: Имомов А.И. Послание Президента и его влияние на совершенствование деятельности Маджлиси Оли // Правовая жизнь. – Душанбе, 2017. – №4 (20). – С. 46-57.

[29]Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Дурнамои иқтисоди мамлакат дар Паёми Пешвои миллат // Садои мардум. – 2020. – 7 январ. – № 3-4 (4109-4110).

[30]Ниг.: Раззоқов Б.Ҳ. Президенти ҶТ – Сарвари ҳокимияти иҷроия: монография. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – 356 с.

[31]Ниг.: Гадоев Б.С. Политико-правовое значение Послания Президента Республики Таджикистан в жизни общества // Известия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – № 1. – С. 89-94; Гадоев Б.С. Послания Президента Республики Таджикистан и их роль в политическом курсе развитии страны // Правовая жизнь. – Душанбе, 2021. – № 4 (36). – С. 74-82.

Мухторов[33], К.М. Каримзода[34] ва дигарон таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Рочеъ ба масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ дар рисолаҳои илмии М.С. Сулаймонов, И.И. Камолов ва А.Р. Нематов ишораҳо мавҷуданд. Аз ҷумла, М.С. Сулаймонов Паёми Президенти ҶТ-ро санади конститутсионӣ, сиёсӣ-идеологӣ, пешгӯӣ ва барномавии дорои хусусияти ҳатмӣ медонад[35]. И.И. Камолов Паёми Президенти ҶТ-ро дорои хусусияти меъёрӣ ва барои мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон ва ташкилотҳо аҳаммияти умумиҳатмӣ меҳисобад[36]. А.Р. Нематов Паёми Президентро сарчашмаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҳам мақомоти қонунгузор ва ҳам иҷроия арзёбӣ мекунад[37].

Бо назардошти таҳқиқоти болозикр масъалаи табиати ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба таври зарурӣ таҳлил нашудааст. Дар адабиёти ватанӣ таҳқиқоти махсус оид ба муайян намудани мазмуну моҳияти ин падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, мавзуи рисолаи мазкур ва ҳадафҳои дар он муайянгардида ҷиҳати омӯзиш ва муайян намудани табиати ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол иқдоми аввалин дар сатҳи рисолаи номзадӣ маҳсуб ёфта, таҳқиқоти мукаммал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба шумор меравад.

---

[32]Ниг.: Саъдизода Ҷ., Сайнозимзода Ф.С. Нақши паёмҳои Президенти ҶТ дар таъсиси вижаниҳодҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – № 3 (23). – С. 30-42.

[33]Ниг.: Мухторов К.Т. Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ: хусусиятҳои сиёсӣ-барномавии он // Паёми Донишкада / Махзани илмӣ. (Маводи Конфронсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Паёми Пешвои миллат – оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон» 19 марти соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент). – Панҷакент, 2019. – №1/1, – С. 484-491; Мухторов К.Т. Моҳияти сиёсиву ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ // Паём – қутбнамои рушди устувор (маҷмуаи мақолоти илмӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 228-240.

[34]Ниг.: Каримзода К.М. Паём – муҳимтарин ҳуҷҷати барномавӣ // Ҷумҳурият. – 2019. – 28 декабр. – № 259 (23 602).

[35]Ниг.: Сулаймонов М.С. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан: дис. канд. ... юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 201 с.

[36]Ниг.: Камолов И.И. Система нормативных правовых актов Республики Таджикистан: монография. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 240 с.

[37]Ниг.: Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан. LAP LAMBERT Academic Publishing. Saarbrücken, Germany, 2013. – 420 с.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии ҶТ дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии ҶТ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили асосҳои назариявӣ ва амалии табиати ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Бо назардошти мақсади зикршуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– таҳқиқи масъалаи падидаи Паёми Президент ба парламент дар мамлакатҳои ИДМ ва бархе аз кишварҳои дунё;

– омӯзиши таърихи ташаккулёбии Паёми Президенти ҶТ дар Тоҷикистон;

– таҳлили мафҳум ва моҳияти Паёми Президенти ҶТ;

– муайян намудани нақши Паём ба Маҷлиси Олии ҶТ дар амалисозии сиёсати ҳуқуқии Президенти ҶТ;

– пажуҳиш ва таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ;

– ошкор намудани мазмуни ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ ва таҳлили он ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши Паёми Президенти ҶТ дар баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ;

– аз лиҳози назариявӣ асоснок намудани мақсаду вазифаҳо ва аҳаммияти амалии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҶТ роҷеъ ба мавзуи таҳқиқшаванда.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба табиати ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ дар бар мегирад.

Мавзуи таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқотро таҳқиқ ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба табиати ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ, инчунин, қонунгузории мамлакат ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ доир ба Паёми Президент ташкил медиҳад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур асосан фарогири ду марҳилаи инкишофи Паёми Президенти ҶТ мебошад: марҳилаи якум (солҳои 1999-2003); марҳилаи дуюм (аз соли 2003 то инҷониб). Дар ин муддат Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии ҶТ ташаккул ва рушд ёфтааст. Инчунин, дар диссертатсия таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии Паёми Президент ба парламент дар кишварҳои ИДМ ва бархе аз кишварҳои ҷаҳон анҷом дода шудааст, ки мазмуну моҳияти таҳқиқотро пурра менамояд. Давраи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур асосан фарогири солҳои 2017-2022 мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори илмии олимон – ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон ва ҷомеашиносони ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар диссертатсия таҳқиқоти олимони ҳуқуқшиноси ватаниву хориҷӣ монанди Ф.Т. Тоҳиров, М.А. Маҳмудзода, Э.С. Насриддинзода, Р.Ш. Шарофзода, Д.С. Раҳмон, А.М. Диноршоҳ, А.И. Имомов, Б.С. Гадоев, Р.Ҳ. Раҳимзода, Б.Ҳ. Раззоқов, А.Р. Нематов, И.И. Камолов, К.Т. Мухторов, Ҷ. Саъдизода, М.С. Сулаймонов, Г.А. Гришенко, Г.З. Санакоев, А.М. Гайдарбекова, В.Е. Зоркин, Э.Г. Кочетов, М.А. Краснов, О.П. Потапова, Р.Г. Акчурин, О.Т. Сериков, К.А. Семерджян ва дигарон ба таври васеъ истифода шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди диалектикӣ, эмпирикӣ, мантиқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил медиҳанд.

Тавассути усули диалектикӣ масъалаҳои ташаккул ва инкишофи Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, омилҳое, ки ба ташаккул ва инкишофи Паёми Президенти ҶТ мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз усулҳои эмпирикӣ ва мантиқӣ ба таври васеъ истифода карда шуда, дар ин замина донишҳои мукаммал доир ба раванди ташаккули паёмҳои Президенти ҶТ ҳамчун санадҳои ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқ ҳосил гардиданд.

Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамчун

падидаи ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва хусусиятҳои он муайян карда шудааст. Инчунин, тавассути усули шаклӣ-ҳуқуқӣ таҳлили қонунгузории ҶТ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ҳамзамон, назарияҳои мавҷуда оид ба Паёми Президент ба парламент анҷом дода шудааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти Паёми Президент ба парламент дар қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият дод то пайдоиш ва ташаккули Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол пажуҳиш гардад. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имкон фароҳам оварданд, то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо кунанд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар баробари қонунгузории миллӣ, инчунин, конститутсия ва қонунгузории баъзе кишварҳои хориҷӣ оид ба Паёми Президент ба парламент истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин кори мукаммали илмӣ оид ба омӯзиш ва пажуҳиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии табиати ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар рисолаи илмӣ нуқтаҳои назари мухталиф оид ба Паёми Президент ба парламент мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шуда, дидгоҳу мавқеи муаллифон дар таҳқиқи ин падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ муайян ва аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Навгонии илмии таҳқиқот бо нуктаҳои илмии зерин, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад:

1. Падидаи Паёми Президент ба парламент заминаи таърихии тӯлонӣ дошта, аз таҷрибаи давлатдории Англия маншаъ мегирад. Ба андешаи баъзе олимон сухани тахтии ҳамасолаи монархи Англия ба парламент монанд ба Паёми Президент мебошад. Анъанаи бо сухани тахтии ҳамасола баромад намудани монархи Англия дар парламент дар асри XIII рӯйи кор омад ва то ҳол идома дорад.

Баъдан ҳамчун падидаи Паёми Президент ба парламент он дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (минбаъд – ИМА) пайдо шудааст. Бо қабул гардидани Конститутсияи ИМА дар соли 1787 падидаҳои Президент ва Паёми Президент ба парламент бори аввал расман дар ин давлат муқаррар карда шудаанд. Ҳоло ироаи Паёми Президент ба парламент ба ҳукми анъана даромада, дар як қатор кишварҳои ҷаҳон ба маъракаи муҳимми сиёсиву давлатӣ мубаддал гаштааст.

2. Ташаккулёбӣ ва рушди Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии ҶТ-ро ба ду марҳила ҷудо кардан мумкин аст:

– марҳилаи якум (солҳои 1999-2003) – дар ин давра ба Конститутсияи ҶТ аз 26-уми сентябри соли 1999 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳои дахлдор, бахусус, ба моддаи 55 Конститутсия ворид гардида, падидаи Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии ҶТ рӯйи кор омад;

– марҳилаи дуюм (аз соли 2003 то инҷониб). Дар ин давра моддаи 55 Конститутсия дар асоси тағйиру иловаҳое, ки тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи ҶТ аз 22-юми июни соли 2003 ворид шуданд, дар таҳрири нав ифода гардид, қисми сеюми моддаи мазкур муқаррар намуд, ки дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад ва бо Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

3. Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳуҷҷати расмӣ ва санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ буда, барои таҳкими асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ба ҳар як фарди кишвар нигаронида шудааст.

4. Нақши Паём ба Маҷлиси Олии ҶТ дар ташаккул ва амалисозии сиёсати ҳуқуқии Президенти ҶТ бузург мебошад. Ҳарчанд дар амалисозии сиёсати ҳуқуқии ҶТ субъектҳои зиёд ширкат меварзанд, аммо дар байни онҳо Президенти ҶТ мақоми аввалро касб менамояд, зеро муҳиммияти сиёсати ҳуқуқии Президенти кишвар дар он ифода меёбад, ки ӯ сиёсати ҳуқуқии умумидавлатиро амалӣ месозад, ҳамчунин, сиёсати ҳуқуқии вай дар муносибат бо

дигар субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ нақши раҳнамокунандаро иҷро менамояд. Сиёсати ҳуқуқии Президенти ҶТ намудҳои гуногун доранд ва дар таҳқиқоти анҷомёфта сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, зиддитеррористӣ, гумрукӣ ва сиёсати ҳуқуқии судӣ, ки дар паёмҳои Президенти ҶТ аз мавзуъҳои меҳварианд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

5. Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», дар маҷмуъ, ҳамчун санади ҳуқуқӣ баромад менамояд, зеро Паёми Президенти ҶТ ҳуқуқро ба вуҷуд меорад, зимни ироаи ҳар як Паём ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ ба миён гузошта мешаванд ва ба мақомоти дахлдори давлатӣ дастуру супоришҳо дода шуда, уҳдадор карда мешаванд, ки дар муҳлати муқарраркардаи Паём ин ё он масъалаҳоро баррасӣ ва ҳаллу фасл намоянд.

6. Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ, хусусияти ҳатмӣ-ҳуқуқӣ, санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, маҷмуан, ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баромад менамояд, зеро Паёми Президенти ҶТ заминаи пайдоиши қонунҳо, манбаи ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ мебошад.

7. Мавқеъ ва нақши Паёми Президенти ҶТ дар баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ, аз байн бурдани мухолифатҳо дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, содаву оммафаҳм намудани меъёрҳои онҳо, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, инчунин, рушду такомули фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд:

1. Бо мақсади дар банди алоҳида пешбинӣ кардани масъалаи шунидани Паёми ҳарсолаи Президенти ҶТ пешниҳод мегардад, ки ба қисми якуми моддаи 55 Конститутсияи ҶТ ва қисми сеюми моддаи 10 Қонуни конистутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» банди 7 бо чунин мазмун илова карда шавад: «7. Шунидани Паёми ҳарсолаи Президенти ҶТ дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Қисми сеюми моддаҳои зикршуда дар таҳрири зерин ифода гардад: «Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад».

2. Бо Паём дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ баромад намудан яке аз салоҳиятҳои истисноии Президенти ҶТ мебошад, вале он дар моддаи 69 Конститутсияи кишвар пешбинӣ нагардидааст. Аз ин рӯ, бамаврид мешуд, агар банди 1 моддаи 69 Конститутсияи ҶТ дар шакли зайл матраҳ мегардид: «1. Ҳарсол бо Паём дар бораи вазъи кишвар, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ баромад менамояд».

3. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузории мамлакат қайд шудааст, ки Президенти ҶТ мутобиқи қисми сеюми моддаи 55 ва моддаи 70 Конститутсияи ҶТ бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар баромад менамояд, инчунин, дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ маълумот медиҳад. Аз таҳлили моддаи 70 Конститутсияи ҶТ маълум гардид, ки дар он муқаррарот оид ба Паёми Президенти ҶТ дар бораи вазъи кишвар пешбинӣ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, пешниҳод мегардад, ки аз моддаи 70 Конститутсияи ҶТ калимаҳои «дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад,» хориҷ карда шаванд.

4. Дар адабиёти таълимие, ки дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба хонандагону донишҷӯён омӯхта мешаванд, роҷеъ ба Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» маълумоти зарурӣ мавҷуд нест. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар адабиёте, ки дар онҳо маълумот оид ба Президенти ҶТ мавҷуд аст, вобаста ба падидаи Паёми Президенти ҶТ маълумоти муфассал ҷой дода шаванд.

5. Олимону муҳаққиқони ватанӣ Паёми Президенти ҶТ-ро санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷати муҳимми барномавӣ, ҳуҷҷати расмӣ, санади хусусияти стратегӣ, дастурамал, консепсия, ҳуҷҷати барномавии сиёсиву ҳуқуқӣ, санади конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, санади муҳимму сарнавиштсоз, дастур, раҳнамо ва дурнамои рушди мамлакат, санади хусусияти меъёрӣ ва ҳатмӣ-ҳуқуқидошта меҳисобанд, аммо дар ягон санади меъёрии ҳуқуқии мамлакат мақоми ҳуқуқии он расман муқаррар нагардидааст. Бинобар ин, бо назардошти аҳаммияти ниҳоят муҳим доштани Паёми Президенти ҶТ дар ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ хуб

мешуд, ки роҷеъ ба он қонуни махсус қабул ва ё ба Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйиру иловаҳо ворид намуда, ба ин васила мақоми ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ расман муқаррар карда шавад.

6. Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ манбаи ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ, рушди қонунгузорӣ, инчунин, яке аз шаклҳои сарчашмаҳои ташаккулёбии ҳуқуқ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҶТ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, ҳоло масъалаи эътироф намудани паёмҳои Президенти ҶТ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ба миён омадааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Дар диссертатсияи мазкур бори аввал масоили паёмҳои Президенти ҶТ аз лиҳози ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу омӯзиши мукаммали илмӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти илмии бадастомада дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии масъалаҳои марбут ба Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ метавон истифода кард. Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ба ташаккул ва рушди падидаи Паёми Президенти ҶТ нигаронида шудаанд.

Тавсияву пешниҳодоти муаллифи диссертатсияро бобати баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ метавон дар қонунгузории ҶТ истифода кард. Инчунин, мавод, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашударо дар таълими фанҳои ҳуқуқӣ, сиёсатшиносӣ ва ғ. ҳангоми навиштани монографияҳои илмӣ вобаста ба мавзуъ, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода намудан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои мухталифи Паёми Президенти ҶТ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили қонунгузории миллӣ ва қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти Паёми Президент ба парламент асос меёбанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мешаванд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Рисола дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии зерин дар шакли маъруза пешниҳод гардидаанд:

а) байналмилалӣ:

– «Паёми Пешвои миллат – оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон» маъруза дар мавзуи «Табиати сиёсӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ» (ш. Панҷакент, 19-уми марти соли 2019);

– «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» маъруза дар мавзуи «Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ зимни ироаи паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ ва аҳамияти онҳо дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон» (ш. Душанбе, 10-уми декабри соли 2019);

– «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» маъруза дар мавзуи «Нақши паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» (ш. Душанбе, соли 2019);

– «Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он» маъруза дар мавзуи «Нақши паёмҳои Президенти ҶТ дар рушди хизмати давлатӣ» (ш. Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2021);

– «Масоили мубрами таърих, фарҳанг, таърихнигорӣ ва манбаъшиносии халқҳои Осиёи Миёна» маъруза дар мавзуи «Дурамои рушди илму маърифат дар Паёми Президенти ҶТ» (ш. Панҷакент, 19-уми декабри соли 2021);

б) ҷумҳуриявӣ:

– «Нақши Парламенти касбӣ дар рушди қонунгузории ҶТ» маъруза дар мавзуи «Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ

ва аҳамияти он дар рушди қонунгузорӣ» (ш. Душанбе, 5-уми апрели соли 2018);

– «Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар ҶТ» маъруза дар мавзуи «Мавқеи паёмҳои Президенти ҶТ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон» (ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2020);

– «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон» маъруза дар мавзуи «Паёмҳои Президенти ҶТ ҳамчун сарчашмаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (ш. Душанбе, 29-уми октябри соли 2021);

– «Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ» маъруза дар мавзуи «Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ – институти нави даврони истиқлол» (ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2021) ва ғ.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Оид ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвончӯ 2 монография ва 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар чоп намудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисола аз номгӯйи ихтисораҳо ва ё аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулосаву тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаро ташкил медиҳад.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян карда шудааст.

Боби якуми рисола «**Таърихи ташаккулёбии падидаи Паёми Президент ба парламент**» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби якум – **«Назаре ба таҷрибаи**

ҷаҳонии Паёми Президент ба парламент» муаллиф қайд менамояд, ки Паёми Президент ба парламент ҳамчун яке аз падидаҳои муҳим дар замони муосир маҳсуб ёфта, оид ба ин падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар конститутсияҳои аксарияти кишварҳои ҷаҳон муқаррароти дахлдор мавҷуд мебошад. Паёми Президент ба парламент оид ба вазъи кишвар ва дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат имрӯз ҳукми анъанаро соҳиб шуда, дар як қатор кишварҳои ҷаҳон ба маъракаи муҳимми сиёсиву давлатӣ табдил ёфтааст.

Иброз мегардад, ки падидаи Паёми Президент ба парламент бори аввал дар давлати ИМА зуҳур кардааст. Бо қабул шудани Конститутсияи ИМА дар соли 1787 падидаҳои Президент ва Паёми Президент ба парламент дар ин давлат ба вуҷуд омаданд. Соли 1789 Ҷорҷ Вашингтон аввалин Президенти Амрико интихоб мешавад ва бо истифода аз ваколати конститутсионии худ нахустин маротиба 8-уми январи соли 1790 бо Паём дар назди парламент баромад менамояд. Президентҳои дигари ИМА ин анъанаро то ҳол идома дода истодаанд.

Пайдоиш ва рушди падидаи Паёми Президент ба парламент дар ИМА сарчашмаи пайдоиш ва рушди Паёми Президент ба парламент дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон гардид. Ҳоло дар таҷрибаи давлатдории аксари кишварҳои ҷаҳон падидаи Паёми Президент ба парламент мавҷуд мебошад. Дар конститутсияҳои кишварҳои ИДМ ба ҷуз аз Ҷумҳурии Озорбойҷон оид ба падидаи Паёми Президент ба халқ ва парламент меъёр муқаррар гардидааст.

Дар мамлакатҳои ҷаҳон Паёми Президенти кишвар ба субъектҳои гуногун ирсол карда мешавад. Чунончи, Паём ба парламент (Арманистон, Бангладеш, Белорус, Бразилия, ИМА, Муғулистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Украина, ФР, Фаронса), Паём ба халқ (Белорус, Қазоқистон, Украина), Паём ба халқ ва парламент (Гурҷистон, Муғулистон, Туркманистон). Тибқи Конститутсияи Қирғизистон Президенти ин кишвар Паёми худро ба халқ, парламент ва Курултайи халқӣ (Маҷлиси намояндагии ҷамъиятӣ) ирсол менамояд.

Дар зербоби дуюми боби якум – **«Таърихи мухтасари ташаккулёбии Паёми Президенти ҶТ»** унвончӯ оид ба ташаккули падидаи президентӣ ва Паёми Президенти ҶТ дар Тоҷикистон сайри таърихӣ анҷом дода, қайд мекунад, ки Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат салоҳияти конститутсионии Президенти ҶТ мебошад.

Мувофиқи қисми сеюми моддаи 55 Конституцсияи мамлакат Президенти ҶТ бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ баромад менамояд.

Муаллиф бар он назар аст, ки таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои мухталифи дунё, алалхусус, мамлакатҳои ИДМ нишон дод, ки самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии аксарияти кишварҳоро Президенти мамлакат муайян мекунад. Ҳамчунин, Президенти кишвар ҳамасола бо Паём дар бораи вазъи кишвар ва самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат дар парламент баромад менамояд.

Қайд мегардад, ки тағйироти ба моддаи 55 Конституцсия аз 26-уми сентябри соли 1999 воридгардида, муқаррар намуд, ки Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар мавридҳои савганд ёд кардан, истеъфо ва шунидани Паёми Президенти ҶТ, инчунин, баррасии Паёми Президент дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, бидуни қабули қарор ҷаласаҳои якҷоя мегузаронанд. Ҳамин тавр, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи конституцсионии худ аввалин маротиба 27-уми апрели соли 2000 бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии ҶТ баромад намуда, оид ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти мамлакат назари худро баён карданд.

Ба андешаи муаллиф мавҷудияти падидаи Паёми Президенти ҶТ дар тӯли зиёда аз ду даҳсолаи охир собит сохт, ки он дар ҳаёти мамлакат зарур буда, ҳамасола мардуми шарифи Тоҷикистон Паёми Президенти мамлакатро бесаброна интизор мешаванд, зеро ба хубӣ дарк мекунанд, ки ҳар як Паём дар пасманзари худ барои шаҳрвандон пайомадҳои нек дошта, онҳоро ба ояндаи дурахшон боз ҳам наздиктар месозад.

Боби дуюми диссертатсия **«Мафҳуми Паёми Президенти ҶТ ва нақши он дар амалисозии сиёсати ҳуқуқии Президенти ҶТ»** аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби дуюм – **«Мафҳум ва моҳияти Паёми Президенти ҶТ»** рисоланавис андешаҳои мухталифи олимони ватаниву хориҷиро роҷеъ ба мафҳуми Паёми Президент мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, мафҳуми Паёми Президенти ҶТ-ро чунин баён менамояд: Паёми Президенти ҶТ ҳуҷҷати расмӣ ва санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ буда, барои таҳкими асосҳои сохтори конституцсионӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими

қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ба ҳар як фарди кишвар нигаронида шудааст.

Паёмҳои Президенти ҶТ аз рӯйи моҳияташон масъалаҳои иқтисодиву ичтимоӣ, илму маориф, рушди неруи инсонӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ, соҳибкориву сармоягузорӣ, ҳифзи саломатӣ, сиёсати давлатии ҷавонону занон, рушди сайёҳӣ, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ, рушду нумуи қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тақвияти ватандӯстиву худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, таълиму тарбияи фарзанд, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми сиёсати дохиливу хориҷии Тоҷикистонро фаро мегиранд.

Муаллиф зимни таҳлили Паёми Президенти ҶТ хусусиятҳои зерини онро зикр намудааст:

1) Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» танҳо дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ироа карда мешавад;

2) Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар Маҷлиси Олии ҶТ муҳокима карда намешавад ва зимни ироаи Паём ҳеҷ кас ҳаққи эрод гирифтан ба он ва савол додан ба Президентро надорад;

3) Паёми Президенти ҶТ дар рӯзи муқарраргардида ироа ва ҳамон рӯз дар воситаҳои ахбори омма расман интишор карда мешавад ва масъулин аз ҳамон рӯз баҳри амалӣ ва иҷро намудани талаботи Паёми Президент камари ҳиммат мебанданд;

4) Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир расонида, ҳамчун воситаи рушди низоми ҳуқуқӣ баромад менамояд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Мавқеъ ва нақши Паём ба Маҷлиси Олӣ дар амалисозии сиёсати ҳуқуқии Президенти ҶТ»** нуқтаи назари гуногуни олимон роҷеъ ба мафҳуми сиёсат ва сиёсати ҳуқуқӣ таҳлил шуда, қайд мегардад, ки дар замони муосир дар заминаи дигаргунсозиҳои ҳаёти давлатии ҶТ мавқеи махсусро сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз навъҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди оне, ки дар ташаккул ва амалисозии сиёсати ҳуқуқии ҶТ субъектҳои зиёд иштирок менамоянд, дар миёни онҳо

Президенти ҶТ мавқеи нахустро ишғол мекунад, зеро сиёсати ҳуқуқии Президенти мамлакат аз ҷиҳати илман асоснок, дурбинона ва хусусияти расмӣ дорад. Сиёсати ҳуқуқии Президенти ҶТ дар муносибат бо дигар субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ нақши роҳнамокунандаро иҷро менамояд.

Президенти ҶТ бо истифода аз воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, самтҳои сиёсати ҳуқуқии умумидавлатиро муайян карда, дар ҳаллу фасли мушкилоте, ки ҳалли фавриро металабанд, чораҳои мушаххас меандешад. Олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи кишвар бар он назаранд, ки сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар асоси паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии ҶТ амалӣ карда мешавад. Дар воқеъ, Президенти ҶТ дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии ҶТ сиёсати ҳуқуқии умумидавлатӣ ва сиёсати ҳуқуқии худро муайян месозад.

Сиёсати ҳуқуқии Президенти мамлакатро ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, сиёсати ҳуқуқии зиддитеррористӣ, сиёсати ҳуқуқии гумрукӣ, сиёсати ҳуқуқии судӣ ва амсоли инҳо. Ҳадафҳо ва самтҳои сиёсатҳои номбурда дар паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии ҶТ муайян карда мешаванд.

Бинобар таъкиди муаллиф Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат дар амалисозии сиёсати ҳуқуқии Президенти ҶТ нақши муҳим дорад. Ҳадафҳои асосӣ ва дурнамои сиёсати ҳуқуқии Президенти ҶТро ба таври пурра ва мунтазам амалӣ намудани меъёру муқаррароти Конститутсияи ҶТ оид ба барпо кардани давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ба ҳар як сокини кишвар, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими ҳифз ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фароҳам сохтани заминаҳои ҳуқуқии ислоҳот дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, маорифу фарҳанг, ҳамзамон, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, муқовимат ба коррупсия, терроризму экстремизм ва дигар ҷиноятҳо ва амсоли инҳо ташкил медиҳад.

Боби сеюми диссертатсия **«Аҳаммияти Паёми Президенти ҶТ дар инкишофи низоми ҳуқуқии миллӣ»** аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби сеюм – **«Ҷанбаҳои ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ»** қайд гардидааст, ки Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамчун падидаи муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва рушди низоми ҳуқуқии мамлакат мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Муаллифи рисола дидгоҳу назарҳои мухталифи олимонро роҷеъ ба аҳаммияти ҳуқуқии Паёми Президент ба парламент таҳлил намудааст ва ин мавқеъҳо ба намудҳои зерин ҷудо карда шудаанд:

1. Паёми Президент ба парламент ҳамчун санади конститутсионӣ-ҳуқуқӣ.

2. Паёми Президент ба парламент дорои хусусияти қатъӣ (императивӣ).

3. Паёми Президент ба парламент ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ.

4. Паёми Президент ба парламент ҳамчун санади ғайри меъёрии ҳуқуқӣ.

5. Паёми Президент ба парламент ҳамчун санади ҳуқуқӣ.

6. Паёми Президент ба парламент ҳамчун санади татбиқи ҳуқуқ.

Муаллиф нуқтаи назари олимон, бахусус, олимони соҳаи ҳуқуқи мамлакатҳои ИДМ, ки Паёми Президент ба парламентро ҳамчун қонун, қонуни конститутсионӣ ва ҳатто аз он болотар, маҷмуан, санади меъёрии ҳуқуқӣ меҳисобанд, ҷонибдорӣ накарда, зикр менамояд, ки дар қонунгузории миллии кишварҳои ИДМ, аз ҷумла, дар ҶТ Паёми Президент ба парламент ҳамчун қонун ва ё умуман санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф нагардидааст.

Рисоланавис андешаҳои олимонеро, ки Паёми Президент ба парламентро ҳамчун санади ғайри меъёрии ҳуқуқӣ меҳисобанд, ҷонибдорӣ намуда, зикр менамояд, ки дар қисми 2 моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки моддаи мазкур низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ-ро муқаррар намудааст, танҳо фармонҳои хусусияти меъёридоштаи Президенти мамлакат санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътироф гардидаанд.

Ҳамчунин, диссертант афкори олимонеро, ки Паёми Президентро санади ҳуқуқӣ меҳисобанд ва мафҳумҳои гуногуни санади ҳуқуқиро таҳлил карда, зикр менамояд, ки Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»-ро ҳамчун санади ҳуқуқӣ эътироф кардан имконпазир аст, зеро Паёми Президенти ҶТ ҳуқуқро ба вуҷуд меорад, ҳуҷҷати ҳуқуқист, зимни ироаи ҳар як Паём ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ ба миён гузошта мешаванд, дорои дастурҳои инфиродӣ аст. Дастуру супоришҳо ба субъектҳое, ки дар Паём ба онҳо дода мешаванд, иҷрои ҳатмиро доранд.

Паёми Президенти ҶТ сарчашмаи қабули санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Масъалаи мазкур дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Паёми Президенти ҶТ ҳамчун сарчашмаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»** мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Рисоланавис ақидаҳои олимонеро, ки Паёми Президент ба парламентро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ меҳисобанд ва ҳамзамон, мафҳумҳои сарчашмаи ҳуқуқро таҳлилу баррасӣ карда, ба хулосае меояд, ки Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» маҷмуан, сарчашмаи ҳуқуқ аст, зеро паёмҳои Президенти ҶТ заминаи пайдоиши қонунҳо мебошанд.

